***1-qism: Har bir topshiriq 0,9 balldan baholanadi***

1. Ду ва ё зиёда калимоҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам алоқамандро чӣ меноманд?
а) ибора
б) калима
в) ҷумла
г) калимасозӣ

2. Бузургтарин осори адабӣ, ки то замони мо омада расида, дар рӯйи дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов бо хати зар навишта шудааст,он кадом китоб мебошад?
а) «Худойнома»
б) «Авесто»
в) «Шоҳнома»
г) «Калила ва Димна»

3. Муайянкунандаҳои чида гоҳо ба воситаи пайвандакҳои гуногун ва баъзан бо чӣ ба якдигар алоқаманд мешаванд?
а) пайвандак
б) пешаванд
в) интонатсия
г) пасоянд

4. Дар кадом ҳар як боби асари Ҳилолӣ аввал дар бораи хубиҳои ин ё он хислатҳои неки инсонӣ сухан ронда, пас барои тақвияти фикрҳои баён кардааш ҳикоятҳои тамсилӣ меофарад, муайян кунед?
а) «Шоху Дарвеш»
б) «Лайлӣ ва Маҷнун»
в) «Рисолаи қофия»
г) «Сифот-ул-ошиқин»

5. Муҳимтарин хусусиятҳои кадом забони услуб бо чунинҳо: саволу ҷавоб, кӯтоҳбаёнӣ, истифодаи ҷумлаҳои мухтасару нопурра, озодии ҷойи аъзоҳои ҷумла, иштирокӣ воситаҳои ғайризабонӣ, аз қабили ҳаракати чашму абрӯ, имову ишорат ва ғайраҳо ифода мегардад, муайян кунед?
а) услуби гуфтугӯӣ
б) услуби рӯзномаигорӣ
в) услуби расми коргузорӣ (идорӣ)
г) услуби бадеӣ

6. Аҷзӣ дар роҳи бозгашт Тифлис ва Бокуро зиёрат карда, дар Тифлис бо кадом адиби равшанфикр, ки дар идораи рӯзномаи «Шарқи рус» кор мекард ва баъдтар муҳарририи маҷаллаи «Мулло Насриддин»-ро бар ӯҳда дошт, ошно мегардад?
а) Мирзо Ҳалими Самарқандӣ
б) Ҷалил Мамадқулизода
в) Туғрал
г) Абулқосим Лоҳутӣ

7.Кадом навъи калимаҳо дар осори бадеӣ ва дар нутқи қаҳрамонон истифода мегардад?
а) халқӣ – гуфтугӯӣ
б) адабӣ-китобӣ
в) шевагӣ
г) умумиистеъмолӣ

8.Суханҳои зерин: «Байтҳои боқимондаи «Офариннома» аз ҷиҳати пайдарпайии фикр мураккаб нестанд, маълум мешавад, ки ба тариқи интихоб мондааст. Аз ин асар гоҳ тасвири эпикии шахсу ҳаёт ба назар меояд, гоҳ панд ва гоҳ муҳокимаи ҳакимонаи ҳаёт ва бештари онро панду ахлоқ ташкил медиҳад» ба қалами кадом адабиётшинос тааллуқ дорад?
а) Атахон Сайфуллоев
б) Юрий Бобоев
в) Абдуманнон Насриддинов
г) Холиқ Мирзозода

9. Ду ва ё зиёда калимаҳои ба ҳам алоқаманд ва ё як калимае, ки фикри томро мефаҳмонанд, чӣ ном дорад?
а) ҷумла
б) ибора
в) калима
г) пешоянд

10. «Ёдгори Зарирон»-ро соли 1890 кадом эроншиноси фарангӣ ба нашр омода кардааст?
а) С. Нафисӣ
б) Э.Бенвенист
в) Р. Ғамзатов
г) С. Улуғзода

***2-qism: Har bir topshiriq 1,5 balldan baholanadi***

11. Кадом навъи мубтадо бо исм, ҷонишин ва масдар ифода меёбанд?
а) пайдарпай
б) тафсилӣ
в) чида
г) мураккаб

12. Муаллифи суханҳои зерин, ки ба Сайидо бахшида шудааст «Шӯҳраташ, дар байни хосу ом, ҳар кас шеъри ӯро медонад ва ҳар шахс бошад меҳонад ва ашъори ӯро мардум беҳтар медонанд ва бештар меҳонанд» кист, муайян кунед?
а) Хоҷа Нисорӣ
б) Давлатшоҳи Самарқандӣ
в) Ҷомӣ
г) Малеҳои Самарқандӣ

13. Кадом навъи услуб - санъати суханварӣ буда, дар жанрҳои гуногуни адабӣ-рубоӣ, ғазал, қитъа, қасида, мусаммат, роман, повест, ҳикоя, мазҳака ва монандӣ инҳо зоҳир мегардад, муайян кунед?
а) услуби бадеӣ
б) услуби илмӣ
в) услуби расмии коргузорӣ
г) услуби гуфтугӯӣ

14. Кадом адиби маорифпарвар шаҳри Самарқандро бо шаҳрҳои Русия қиёс карда, аз ҷумла менависад: «Иморати он ба тарзи Машриқзамин сохта шудааст. Аксари ҷойҳои он сарвоз ва бисёр танг аст. Ҷӯйҳоро ба зудӣ танқия (тоза) ҳам намекунанд. Аз ин сабаб обаш қадре касиф (ифлос) аст… Вале шаҳри тозае, ки русон сохтаанд, бисёр шаҳри муаззам ва обод аст», муайян кунед?
а) Аҳмади Дониш
б) Мирзо Сироҷ
в) Сиддиқии Аҷзӣ
г) Тошхоҷаи Асирӣ

15. Калимаҳои «қамар», «ҳилол», «бадр» хоси кадом намуди услуб ба ҳисоб меравад?
а) услуби гуфтугӯӣ
б) услуби публитсистӣ
в) услуби китобӣ
г) услуби бадеӣ

16. «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ аз ҷониби кадом шоири маъруфи аввали асри XI ба забони арабӣ тарҷума карда шудааст?
а) Унсурулмаолии Кайковус
б) Абӯалӣ ибни Сино
в) Дақиқӣ
г) Абулфатҳи Бустӣ

17. Он ҳиссаи нутқ, ки ҳолат ва ё аломати амалро ифода мекунад, чӣ ном дорад?
а) зарф
б) масдар
в) ҷонишин
г) феъл

18. Аз рӯи маълумоти манбаъҳо кадом асар ду сулс (сулс-аз се як ҳисса)-и «Шоҳнома» будааст, ки ин ба 40000 байт баробар аст?
а) «Мухторнома»
б) «Офариннома»
в) “Маснавии маънавӣ”
г) “Махзан ул-асрор”

19. Ҷумлаи соддаи яктаркибае, ки дар он предмет ва ё воқеа номбар шуда, вале дар бораи он чизе гуфта намешавад, чӣ ном дорад?
а) ҷумлаи бешахс
б) ҷумлаи муайяншахс
в) ҷумлаи унвонӣ
г) ҷумлаи умумишахс

20. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз чанд байт иборат аст ?
а) 30-ҳазор
б) 25-ҳазор
в) 20-ҳазор
г) 60-ҳазор

***<u>3-qism: Har bir topshiriq 2,6 balldan baholanadi</u>***

21. Дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак чӣ воситаи алоқаи ҷумлаҳои содда мебошад?
а) оҳанг
б) пайвандак
в) пешоянд
г) пасоянд

22. Тазкираи «Нусхаи зеби Ҷаҳонгир» ба қаламы кӣ тааллуқ дорад?
а) Сайидо
б) Мутрибӣ
в) Ҷомӣ
г) Восифӣ

23. Воҳидҳои забонӣ аз диди услубшиносӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
а) ба се гурӯҳ
б) ба чор гурӯҳ
в) ба ду гурӯҳ
г) ба панҷ гурӯҳ

24. Маснавиҳои «Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез», «Ҳадиқат-ур-расул» ба қалами кадом адиб тааллуқ дорад?
а) Сайидо
б) Қудрати Бадахшонӣ
в) Мушфиқӣ
г) Носеҳи Хатлонӣ

25. Чӣ ҳиссаҳои ёридҳандаи нутқ буда, барои алоқаи байни калимаҳо, қисмҳои ҷумлаҳои мураккаб ва ҷумлаҳои алоҳида хизмат мекунад?
а) пайвандакҳо
б) пешояндҳо
в) пасояндҳо
г) пасвандҳо

26. Баъди хатми мадрасаи «Хоним» кадом адиб ба Хуҷанд бозмегардад ва ба қавли устод Айнӣ «бо вуҷуди соҳиби илму камол будан мансаби илмиро қабул накарда», ба касби падариаш – сангиосиётарошӣ машғул мешавад, он кист муайян кунед?
а) Сиддиқии Аҷзӣ
б) Тошхоҷаи Асирӣ
в) Мирзо Сироҷи Ҳаким
г) Аҳмади Дониш

27. Ҷумлаҳои нопурра бештар дар куҷо истифода мешавад?
а) дар шеър
б) дар наср
в) дар гуфтугӯ
г) дар калима

28. Тошхоҷаи Асирӣ маснавии «Тимсол»-ро дар ҷавоби асари кадом адиби маорифпарвар гуфтааст?
а) "Туҳафи аҳли Бухоро"-и Мирзо Сироҷ
б) "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш
в) "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ
г) «Миръоти ибрат»-и Аҷзии Самарқандӣ

29. Муродифоти воҳидҳои фразеологиро чӣ гуна муродифот меноманд?
а) иборагӣ
б) ҷумлагӣ
в) ҳиҷогӣ
г) калимагӣ

30. Марсияи зерин, ки ба вафоти Асирӣ бахшида шудааст, ба қалами кадом адиби тоҷик тааллуқ дорад?

*Асирии Хуҷандӣ Тошхоҷа,*
*Ки шамъи ҷамъи аҳли фан буд...*

а) Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ
б) Зуфархон Ҷавҳарӣ
в) Раҳим Ҳошим
г) Садриддин Айнӣ